**ХУЛОСАИ**

**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026-И НАЗДИ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос**

Парвандаи аттестатсионии №___

Қарори Шӯрои диссертатсионӣ **аз 14.01.2021** №1

Барои сазовор донистани Саидов Далер Муҳибуллоевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа

Диссертатсия дар мавзӯи «**Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ**» 28-уми августи соли 2020, суратмаҷлиси №1 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.02.2020 с., №28) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаб Саидов Далер Муҳибуллоевич, соли таваллудаш 1992, мебошад. Соли 2014 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси фалсафа хатм карда, зинаи магистратураро дар факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон идома дода, онро соли 2017 бо ихтисоси фалсафа ба анҷом расонидааст. Номбурда соли 2017 ба зинаи докторантура, доктор PhD, доктори фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа дар факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2020 хатм намудааст. Айни замон ба ҳайси ассистенти кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Диссертатсия дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** доктори илмҳои фалсафа, дотсент, декани факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маҳмадизода Нозим Давлатмурод.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич** – доктори илмҳои фалсафа, профессор, муовини директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

**Манғитов Машраб.** – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ,** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби н.и.ф, дотсент Давлатов Р.Л. таҳия шуда, аз ҷониби мудири кафедраи фалсафаи донишгоҳи мазкур, номзади илмҳои фалсафа, дотсент Бердиев Ш.П. имзо ва аз ҷониби ректори ҳамин донишгоҳ, доктори илмҳои таърих, профессор Ғаффорӣ Н.У. тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ», ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Саидов Далер Муҳибуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа мебошад.

Дар интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда он чиз ба асос гирифта шудааст, ки аз рӯйи ихтисоси фалсафаи иҷтимоӣ корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо ба масъалаи таҳқиқшавандаи диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич алоқамандӣ доранд.

Довталаб 6 маводи чопӣ дорад, ки аз он 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти довталаб нуктаҳои асосӣ, натиҷа ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

**I. Рӯйхати мақолаҳои нашршуда дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:**

1. Саидов Д.М. Таъмини бехатарии маънавии ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун шарти муқовимат бо фаъолияти ҳаракатҳои муосири ифротии исломӣ [Матн] / Саидов Д.М. // Паёми ДМТ.- Душанбе., 2018. (№3) -С.159-163.

2. Саидов Д.М. Ҷараёнҳои муосири ифротии исломӣ ҳамчун объекти таҳлили фалсафӣ [Матн] / Саидов Д.М. // Паёми ДМТ.- Душанбе., 2018. (№4) -С.159-164.

3. Саидов Д.М. Таъсири харобиовари ҷараёнҳои муосири ифротии исломӣ ба ҷомеаи муосир [Матн] / Саидов Д.М. // Паёми ДМТ.- Душанбе., 2018. (№9) -С.190-193.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод шудаанд:**

1. Аз номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Абилзода Гуландом Сардор;

2. Аз номзади илмҳои фалсафа, дотсент мудири кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи ДМТ - Миров Фируз Сафаралиевич;

3. Аз номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносии ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ – Қурбоншоев Илҳом Ҷумахонович;

4. Аз номзади илмҳои фалсафа, муаллими калони кафедраи фалсафаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ- Муродзода Илҳомҷон Давлат.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои ҷузъӣ баён шудаанд, ки аҳамияти диссертатсияро кам намекунад. Эродҳо асосан хатогиҳои имлоиву техникиро дар бар мегиранд.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти**

**диссертатсионӣ:** масъалаҳои ошкор намудани таъсири ҷараёнҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи Тоҷикистон аст.

Бо баррасии назарҳои мухталифи илмӣ бори аввал таъсири ғоявии равия ва ҳизбҳои динӣ-ифротӣ ва бунёдгаро ба ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, **пешниҳод карда шудааст**:

Мазмун ва мундариҷаи таълимоти ифротгароёни исломӣ мавриди таҳқиқи фалсафӣ, сотсиологӣ ва аксиологӣ қарор гирифта, моҳияти таъсири манфии онҳо ба ҳаёти маънавӣ **нишон дода шудааст**.

Ба таври илмӣ, воқеӣ таҳдидҳои асосии амнияти маънавии ҷомеа дар шароити имрӯза ба ҷуз фаъолияту кори тарғиботии ифротгароёни исломӣ, инчунин заминаҳои коҳиши маънавӣ ва фарҳангӣ ҷомеаи муосир баён шуда, ба таҳқиқот **ҷорӣ шудааст.**

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳам ба ҳифзи моҳияти маънавии ҷомеа ва ҳам роҳу усулҳои ҳифзи амнияти маънавӣ мусоидат намоянд. Ҳамчунин, хулоса ва тавсияҳои он метавонанд аз ҷониби сохторҳои давлатӣ истифода гарданд. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалии рисоларо метавон бо мақсади такмили минбаъдаи механизми рушди маънавии ҷомеа ва таъмини амнияти маънавии он истифода намуд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранок** аз методҳои таҳлили мантиқӣ, муносибати системавӣ, таърихӣ, муқоисавӣ ва функсионалӣ **истифода бурдааст.**

Роҳҳо ва воситаҳои асосии муқовимат ва пешгирӣ аз таҳдидҳои фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳаёти маънавии Тоҷикистон **омӯхта шудаанд.**

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки** хулоса ва тавсияҳои он метавонанд аз ҷониби сохторҳои давлатӣ истифода гардида, предмети баҳсу мунозираҳо ва санҷишҳо гарданд. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалиро метавон

бо мақсади такмили минбаъдаи механизми рушди маънавии ҷомеа, ва таъмини амнияти маънавии он истифода намуд.

**Ғоя** дар замини таҳқиқоти муҳаққиқон Г.Н Зокиров, Ғ.Ҷ. Мирзоев, И. Асадуллаев, Д. Назиров, М.Олимов, С. Олимова, С. Шарипов, А. Раҳнамо, И. Усмонов, М. Давлатов, А.Шамолов, А.Муминов, Н. **асоснок шудааст.**

Хусусиятҳо ва оқибатҳои зарарнок ва харобиовари гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дар шароити имрӯза, ки пайдоиши онҳо ба мушкилоту хусусиятҳои таърихи навини ҷаҳони ислом алоқаманд аст, **муайян карда шудааст**.

Сиёсатҳои духура ва геополитикии абарқудратҳо, ки ба пайдо шудани гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир мусоидат менамоянд, ҳамаҷониба мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, таъсири он ба амнияти маънавии Ҷумҳурии Тоҷикистон **ошкор шудааст**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ муаллифи диссертатсия асосҳои назариявии таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротиро дар доираи фалсафаи иҷтимоӣ таҳқиқ кардааст. Дар асоси омӯзиши назарияҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, инчунин манбаъҳо, адабиёти илмӣ ҳуҷҷатҳо роҳу воситаҳои таъсири ҳаракатҳои динӣ-ифротӣ ба ҷомеаи тоҷик, навъҳои ифротгароӣ, омилҳои паҳншавии гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва террористӣ дар Тоҷикистон ва роҳҳои мубориза ва пешгирии онҳо нишон дода шудааст.

Дар раванди таҳқиқот унвонҷӯ дар конференсияҳои ҳарсолаи апрелии устодону профессорони факултети фалсафаи ДМТ, инчунин, дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза кардааст, натиҷаҳои илмии диссертатсия дар 6 номгӯи таълифоти илмии муаллиф ба табъ расидаанд.

Дар ҷаласаи 14 январи соли 2021 Шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Саидов Далер Муҳибуллоевич бо дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм аз ихтисоси 6D020100 – фалсафа 5 нафар, аз 17 нафар ҳайъати умумии шӯрои диссертаисионӣ, овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор- нест.

Муовини раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа Диноршоева З.М.

Котиби Шӯрои диссертатсионӣ, доктори
илмҳои фалсафа, дотсент Муминов А. И.

14.01.2021